ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс) - и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2026. – 181 с.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар шароити гармшавии иқлими сайёра аз доираи мушкилоти минтақавӣ убур карда ба масъалаи глобалии ҷаҳони муосир табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳифзи пиряхҳо вазифаи як ё чанд давлат набуда, талоши дастаҷамъиро тақозо дорад. Қабул гардидани ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон гардидани соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, 21 март - Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо дар баланд гардидани нуфузи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, муаррифии Тоҷикистон ҳамчун давлати амну субот ва сайёҳӣ ва ҳифзи пиряхҳо нақши муассир мегузорад.

Масоили мазкур аз он ҷиҳат мубрам ва муҳим аст, ки дипломатияи об дар шароити Тоҷикистон ба як қисми муҳимми ҳувияти байналмилалии кишвар табдил ёфтааст. Боз як ҷанбаи мубрамияти мавзуъ дар он ифода меёбад, ки дар матбуоти тоҷик масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар нуқтаи марказӣ ва буриши чандин дискурс, амсоли дискурси сиёсӣ, дискурси илмӣ, дискурси байналмилалӣ, дискурси экологӣ ва дискурси шаҳрвандӣ қарор дорад.(с.4) Аз ҳамин нуқтаи назар, ба риштаи пажуҳиш кашидани «Гуфтумон (дискурс)- и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» арзиши муҳим касб менамояд. Дар ин асос метавон гуфт, ки бори аввал матраҳ шудани чунин масъалаи муҳим дар диссертатсия **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳлили масоили марбут ба вижагиҳои ташаккули рӯзномаи экологӣ дар матбуоти даврии муосир, бозтоби мавзуи мавриди назар зимни таҳлили қиёсии жанрҳои хабариву таҳлилӣ, нишон додани камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигорон дар инъикоси масъалаҳои илмӣ-экологӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ барои дурнамо ва стратегияҳои такмили бозтоби масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик гувоҳи он аст, ки мавзуи пажуҳиши мазкур ба доираи мавзуъҳо ва масоили таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат мекунад.**

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда, пеш аз ҳама, дар он падид меояд, ки таҳлили фарогир ва ҳамаҷонибаи мавзуи дипломатияи оби Тоҷикистон бори аввал на танҳо ҳамчун масъалаи сиёсӣ, иқтисодӣ ё экологӣ, балки ҳамчун низоми мукаммали гуфтумони расонаӣ дар доираи таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ бори аввал анҷом дода мешавад. Инчунин дар диссертатсия масоили дипломатияи об на ҳамчун мушкилоти минтақавӣ, балки фаротар аз он, яъне аз дидгоҳи муносиботҳои байналмилалӣ ва амнияти минтақавӣ таҳқиқ гардидааст. Диссертант матолиби расонаиро ҳамчун воҳидҳои низоми гуфторӣ мавриди таҳлил қарор дода, муҳимтар аз ин, дар рисола нишон дода мешавад, ки чӣ гуна дар матолиби расонаӣ пиряхҳо гоҳе ҳамчун сарвати миллӣ, гоҳе ҳамчун манбаи амнияти об, гоҳе ҳамчун объекти хатари глобалӣ ва гоҳе ҳамчун унсури имиҷи байналмилалии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Ин чандқабатӣ то имрӯз ба таври муназзам аз дидгоҳи суханшиносӣ таҳлил нагардидааст.(с.11)

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Натиҷаҳои бадастовардаи диссертант ва хулосаю тавсияҳои пешниҳоднамудаи довталаби дараҷаи илмӣ аз чанд ҷиҳат асоснок гардида, хеле эътимодбахшанд. Аз ҷумла, муаллифи диссертатсия дар таҳқиқ, таҳлил ва баррасии мавзуъ ва мушкилот ба андозаи зарурӣ ба осори илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, дар муҳокимаронихо андешаи шахсии худро баён намудааст. Инчунин, мавқеъгириҳои диссертант дар баҳсҳо ва таҳлилҳои алоҳида дар хусуси мавзуи пажуҳиш ва маълумоти пешниҳодкардаи вай доир ба рисола дар асоси факту далелҳои муътамад ва ҷолиби таваҷҷуҳ ифода ёфтаанд. Ҷобаҷогузорӣ ва пешниҳоди факту рақам ва хулосаҳои илмии муаллифи диссертатсия хеле эътимоднок буда, бештари онҳо дар интишороти довталаби дараҷаи илмӣ роҷеъ ба мавзуи диссертатсия инъикос ёфтаанд. Дар асоси ин метавон қайд намуд, ки **хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ** боэътимод буда, барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи журналистикаи ватанӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи тақризшаванда иборат аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт буда, ҳаҷми умумии он 181 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст. Аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ дар **муқаддимаи диссертатсия** асоснок шуда, ҳадафи таҳқиқ, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ,

аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда ва дигар бахшу зербахшҳои он муайян гардиданд.

Дар боби аввали диссертатсия **«Назария ва методологияи инъикоси масъалаҳои экологӣ ва дипломатияи об дар ВАО»** дар доираи се фасли аз лиҳози мантиқӣ ба ҳам алоқаманд моҳият, таъинот, мушкилот ва равандҳои фаъолияти эҷодӣ ва моҳияти мубоҳисаҳои сиёсӣ дар мавзуи диполатияи об баррасӣ шудааст. **Фасли аввали боби якум – «Эволютсияи экожурналистика ҳамчун самти махсуси фаъолияти эҷодӣ»** унвон гирифта, диссертант сараввал марҳилаҳои эволютсияи экожурналистикаро ба чаҳор - ибтидоӣ, огоҳсозӣ, таҳлилӣ ва муосир гурӯҳбандӣ намуда, махсусияти ҳар давраро бо зикри андешаҳои олимон, коршиносон ва маводи нашрияҳои “Ховар”, “Азия-Плюс” ва “Садои мардум” асоснок мекунад. Ҳамзамон натиҷаҳои таҳлили муҳтаво оид ба инъикоси мавзуъҳои экологӣ дар расонаҳои тоҷик дар солҳои 2023-2025-ро ба шакли ҷадвал оварда, муаллиф ба ин назар аст, ки дар муҳити расонаии Тоҷикистон экожурналистика аллакай шакл гирифтааст, вале ҳанӯз ҳам вобаста ба табиати худи расона тағйир меёбад. Ҳафтаномаи «Азия-Плюс» мавзуъро бештар бо шакли маърифатӣ ва таҳлилӣ пеш мебарад; АМИТ «Ховар» онро дар сатҳи агентии иттилоотии давлатӣ ва дипломатияи расмӣ таҳким медиҳад; нашрияи «Садои мардум» бошад, ба он ченаки ҳуқуқӣ, парлумонӣ ва маърифатӣ зам менамояд. Яъне, агар ин се манбаъро якҷо гирем, метавон гуфт, ки экожурналистикаи тоҷик дар айни ҳол аз се меҳвар: иттилоотӣ-таҳлилӣ, институтсионалӣ-давлатӣ ва ҳуқуқӣ-маърифатӣ иборат аст. (с.29) Ба назари мо, чунин хулоса мантиқан дуруст буда, ҷанбаи қавии илмӣ дорад, зеро дар асоси таҳлил, муқоиса ва натиҷагирӣ падид омадааст.

Дар фасли дуюм **“Мафҳум ва моҳияти дипломатияи об дар дискурси сиёсӣ ва медиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** дар асоси муқоисаи матолиби расмии ВКХ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мусоҳибаҳою маводи иттилоотии сохторҳои СММ вобаста ба об, иқлим ва пиряхҳо тафовути дискурси сиёсӣ ва медиавӣ оид ба дипломатияи об дар шакли ҷадвал пешниҳод гардида, фарқи дискурси сиёсӣ ва медиавӣ оид ба дипломатияи об аз рӯйи ҳадаф, забон ва шакл нишон дода шудааст. Ҷадвалҳои унсурҳои асосии дипломатияи об дар дискурси сиёсӣ ва медиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоисаи таҷрибаи кишварҳо дар дипломатияи об барои дарки моҳияти мавзуъ кумак мерасонанд.(с.38 ва 47) Диссентант зимни таҳлили ҳамаҷониба ба натиҷа расидааст, ки аз диди таҳлили дискурсӣ, дипломатияи ҷаҳонии оби Тоҷикистон се хусусияти асосӣ дорад.

Хусусияти аввал – универсализатсияи масъала аст: об ва пиряхҳо дар суханрониву ташаббусҳои роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи танҳо миллӣ не, балки умумиибашарӣ муаррифӣ мешаванд. Хусусияти дуюм – институтсионализатсия аст: ташаббусҳо ба шакли даҳсола, рӯзи байналмилалӣ, соли байналмилалӣ ва равандҳои мунтазами конфронсӣ дароварда шудаанд. Хусусияти сеюм – пайвастани дипломатияи сиёсӣ ба дипломатияи маърифатӣ аст: Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дар бораи об сухан мегӯяд, балки мавзуъро ба платформаи ҳамкории илмӣ, ҳамоҳангсозии сиёсат ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷаҳонӣ мубаддал месозад. (с.48-49)

Диссертант дар фасли сеюми боби аввал **“Хусусиятҳои ташаккули рӯзномаи экологӣ дар матбуоти даврии муосир”** - ро бо фатку рақам таъкид месозад. Тибқи таҳлили ӯ, агар маҷмуи масоли экологӣ қаблан дар ҳошияи ВАО қарор доштанд, имрӯз баръакс ба яке аз самтҳои афзалиятнок бадал гардидаанд. Муаллиф ташаккули рӯзномаи экологиро дар матбуоти даврии муосир раванди мураккаб ва динамикӣ шуморида, пешниҳод намудааст, ки барои таҳкими ин тамоюл зарур аст, ки ҳам сатҳи касбияти рӯзноманигорон ва ҳам дастгирии институтсионалӣ барои ин самт тақвият дода шавад. (с.55). Ба назари мо, пешниҳод ҷанбаи тавсиявӣ дошта, ба манфиати кор хоҳад буд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили се фасли боби аввал метавон натиҷагирӣ кард, ки ҷанбаи назарии он нисбат ба таҳлили илмӣ афзалият пайдо намудааст.

Боби дуюм **“Вижагиҳои жанрӣ ва муҳтавоии инъикоси ташаббусҳои глобалии ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик”** унвон гирифта, дар фасли аввали он, ки **“Таҳлили қиёсии жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ ҳангоми инъикоси мавзуъ”** ном дорад, тазаккур шуда, ки дар матолиби хабарӣ сохтори матн одатан ба принсипи “аҳром (пирамида)-и чаппа” асос ёфта, иттилооти асосӣ дар ибтидо пешниҳод мегардад (с.66). Муаллиф бо такя ба назари олимони назарияпардоз хулоса баровардааст, ки матолиби таҳлилӣ бештар ба рушди тадриҷии андеша такя мекунанд, ки дар он муаллиф бо истифода аз далелҳо, муқоисаҳо ва ишора ба таҳқиқоти илмӣ кӯшиш мекунад тасвири мукаммалтаре пешниҳод намояд. Дар ҳамин ҷо фарқияти асосии таъсири жанрҳо ба аудитория зоҳир мегардад: хабар иттилоъ медиҳад, таҳлил бошад маънӣ месозад. (с.66)

Меъёри муқоисаи жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ ҳангоми инъикоси мавзуи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти тоҷик аз рӯйи сохтори матн, мантиқи пешниҳод, манбаъҳои асосӣ, сатҳи тафсир, ҷойгоҳи рақам,

забони матн, расмият, умқи муҳтаво, аудиторияи мақсаднок, афзалият, камбудӣ ва ғ. муайян гардида, дар ҷадвал нишон дода шудаанд. Ба назари мо, хулосаи зери диссертант мантиқӣ ба назар меояд: тафовут танҳо дар "ҳаҷм" ё "услуб" нест. Фарқи аслӣ дар он аст, ки жанри хабар мавзуъро ба шакли воқеии ҷорӣ пешниҳод мекунад, дар ҳоле ки жанрҳои таҳлилӣ онро ба сатҳи масъалаи сохторӣ мебароранд. (с.72) Хулосаҳои муаллиф бо андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ А.Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмурод, Ҷ. Яқубов, Ш.Тоирова, М. Муродӣ ва М. Сафарзода асоснок гардидаанд.

Матбуоти тоҷик ҳангоми инъикоси мавзуи ҳифзи пиряхҳо бештар ба образҳои "хатар", "оянда", "ҳаёт", "ганҷи табиат" ва "масъулияти муштарак" такя мекунад, то ки масъалаи мураккаби иқлим барои аудитория васеъ фаҳмо ва эҳсосшаванда гардад, - хулоса мекунад диссертант ва дар матолиби хабарӣ маҳдуд будани имкони истифодаи васеи воситаҳои бадеиро дар фасли дуюми ҳамин боб **"Воситаҳои тасвири бадеӣ ва оммавии инъикоси мушкилоти обшавии пиряхҳо"** зикр менамояд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи матбуоти даврии тоҷик ва назарияҳои муосири журналистика ҷадвали раванди табдили иттилооти илмӣ ба матни дастраси рӯзноманигорӣ дар инъикоси мавзуи ҳифзи пиряхҳо мураттаб гардида, ҷанбаи таҳлилии фаслро тақвият бахшидааст.

"Нақши матбуоти соҳавӣ ва минтақавӣ дар тарғиби ташаббусҳои вобаста ба иқлим" унвони фасли сеюми боби дуюм буда, ба назари муҳаққиқ фарқи асосии матбуоти соҳавӣ ва минтақавӣ на танҳо дар мавзуъ, балки дар ифодаи нуқтаи назар низ мебошад. Матбуоти соҳавӣ бештар аз боло ба поён ҳаракат мекунад: аз сиёсат, стратегия, илм ва барнома ба ҷомеа. Матбуоти минтақавӣ бошад, аксар вақт аз поён ба боло менигарад: аз мушкили маҳаллӣ ба масъалаи миллӣ ва байналмилалӣ. Ҳар ду раванд заруранд. (с.108) Дар ин маврид назари мо ба хулосаи диссертант ҳамоҳанг аст, яъне самаранокӣ дар ҳамгироии ин ду самт ба вуҷуд меояд.

Боби сеюм **"Мушкилот, тамоюлҳо ва дурнамои тақвияти гуфтумони расонаии ҳифзи пиряхҳо"** ном дошта, фасли аввали он ба "**Камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигорон дар инъикоси мавзуъҳои илмӣ-экологӣ**" иртибот дорад. Норасоии дониши тахассусӣ, кор бо манбаъҳо, набудани таҷрибаи кор бо форматҳо ва воситаҳои муосир, набудани робитаи устувор байни рӯзноманигор ва ҷомеаи илмӣ аз камбудиҳои касбӣ ва мушкилоти салоҳиятнокии рӯзноманигорон дар

инъикоси мавзуи мавриди назар шуморида шудаанд. Натиҷаҳои таҳлили диссертант собит сохтааст, ки дар расонаҳои марказӣ маводи дорои хусусияти асосан иттилоотӣ нисбатан бештар вомехӯранд.

Дар фасли "**Ҳамгироии медиавӣ ва истифодаи шаклҳои муосир (инфографика, лонгрид) барои ҷалби аудитория**" муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки ҳамгироии медиавӣ дар инъикоси мавзуи ҳифзи пиряхҳо танҳо дар ҳолате самаранок аст, ки он ба як низоми пайваста ва мантиқӣ табдил ёбад. Яъне, форматҳои гуногун бояд на танҳо якдигарро пурра кунанд, балки ба як ҳадафи умумӣ - ташаккули фаҳмиши амиқ ва устувор – хидмат намоянд. (с.147) Ба назари мо, абзори пурқуввати ташаккули шуури экеологиро аз ҳамин ҷо бояд ҷӯст.

"Дурнамо ва стратегияҳои такмили инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар матбуоти даврии тоҷик" фасли сеюми боби охири рисола буда, самти такмил, яъне дурнамо ба омилҳои зер - гузариш ба модели проактивӣ, рушди жанрҳои таҳлилӣ ва лонгрид, гуногунсозии манбаъҳо, ҳамгироии инфографика, видео, харита, ҳамгироии мавзуъ ва муносибат бо аудитория марбут дониста шудааст. Мо чунин мешуморем, ки дар ин фасл нишондиҳандаҳои меҳварӣ дар ҷадвалҳо бозтоб ёфтаанд.

Хулосаи диссертатсионии Бобошоҳзода Муҳаммадшариф дар бандҳои алоҳида ҷамъбаст гардида, муҳимтарин бардоштҳои илмии диссертантро фаро гирифтаанд. Ҳамзамон дар охири ҳар як банди хулоса ба мақола ва дигар таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод оварда шудаст, ки ин гувоҳи бо низоми муайян анҷом ёфтани кори таҳқиқӣ мебошад. Хулосаҳо ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ бардошт аз таҳлил ва таҳқиқи мавзуъ, масоили меҳварии боб ва фаслҳои диссертатсия буда, ҷанбаи қавии назариявӣ ва амалӣ доранд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Диссертатсияи тақризшаванда аз якчанд ҷиҳат аҳаммияти илмии назариявию амалӣ дошта, пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои баррасишаванда мусоидат менамояд. Метод ва усулҳои илмие, ки дар диссертатсия истифода шудаанд, методҳои санҷидашуда ва боэътимод буда, ба диссертант дар татбиқи усулҳои нави нақди журналистӣ ва таъриху назарияи журналистикаи тоҷик имконот фароҳам овардаанд. Маводи диссертатсияро метавон дар ҷараёни таҳқиқи масоили экологии журналистика истифода кард.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф дар 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақолаи дигар маводди конфронсҳо инъикос ёфтааст.

Эродҳо ба диссертатсия. Новобаста аз ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор камбудиҳои назариявӣ, методологӣ, сохторӣ, истилоҳӣ ва манбаъшиносӣ ба мушоҳида мерасанд.

1. Омехта шудани мафҳумҳои дипломатияи об, амнияти об ва сиёсати об аз камбудии дигар баршумурда мешавад. Дар саҳифаҳои 33–39 ин се мафҳум гоҳе ба ҷойи ҳам истифода шудаанд, гӯё ки маънои якхела дошта бошанд. Дар асл *дипломатияи об* - равандҳои гуфтушунид, ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва ҳамкории байни субъектҳо дар масъалаҳои об, *амнияти об* - дастрасии устувор ба оби кофӣ ва дорои сифати муносиб, инчунин ҳифз аз хатарҳои вобаста ба об, *сиёсати об* - принсипҳо, ҳадафҳо ва қарорҳои давлатӣ оид ба истифода, тақсим ва ҳифзи захираҳои об аст. Фарқ накардани ин мафҳумҳо боиси норавшании заминаи назариявии пажуҳиш мегардад.

2. Ислоҳи камбудиҳои методологӣ барои рисолаи илмӣ муҳиманд, зеро маҳз методология муайян мекунад, ки хулосаҳо то чӣ андоза асосноканд. Дар фасли якуми боби дуюм набудани муқоисаи байнирасонаӣ равшан ба мушоҳида расид, яъне фарқи расонаҳои давлатӣ, мустақил ва рақамӣ ба таври мушаххас нишон дода нашудааст.

3. Камбудиҳои истифодаи иқтибосҳо ва истинодҳои илмӣ яке аз масъалаҳои ҷиддии матн аст, зеро иқтибосҳо дар баъзе мавридҳо вазифаи асоснок кардани хулосаҳои муаллифро иҷро мекунанд.

4. Ҷумлаҳои аз ҳад дароз дар матни диссертатсия мушоҳида мегарданд. Базе ҷумлаҳо якбора чанд андешаро фаро мегиранд. Ин ҳолат махсусан дар қисматҳои саҳифаҳои 35–38 ва 43–49 мушоҳида мешавад. Масалан, ҷумлаҳои дорои сохторҳои «дар баробари ин», «аз ҳамин сабаб», «дар ин замина», «ҳамзамон» ва «аз ин рӯ» пайдарпай омада, робитаи мантиқии фикрҳоро суст мекунанд. Дар саҳ. 161 вожаи таҳқиқот ба гунаи таҳиқот омадааст.

Бояд қайд кард, ки камбудиву эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ҳусни рисоларо коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, ҳамаи масъалаҳои дар рисола гузошташуда аз ҷиҳати мазмун, мундариҷа, сохтор, баёни матлаб пурра ба таълифи рисолаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Бобошоҳзода Муҳаммадшариф Сангинмурод дар мавзуи «Гуфтумон (дискурс)- и расонаии дипломатияи оби Тоҷикистон: таҳлили мушкилот ва дурнамои инъикоси масъалаи ҳифзи пиряхҳо» кори мукаммали анҷомёфтаи илмӣ шуморида мешавад.

Он ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, муаллифи диссертатсия ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

МУҚАРРИЗИ РАСМӢ
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Хоҷазод С.**
«22» октябри соли 2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Толстой, хонаи №25
Тамос: (+992) 93-855-52-99
E-mail: saidmurod1970@bk.ru

«Имзои д.и.филол., профессор С.Хоҷазодро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Қодирзода С.**
«22» октябри соли 2026

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тамос: (+992 37) 224-13-83
Сомона: https://www.tgpu.tj/